## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод гардидааст.**

Раванди глобализатсионӣ, ки айни замон ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст, таъсири худро ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мерасонад. Таъсироти раванди мазкурро дар самти ҳаёти маънавӣ ва тафаккуру ҷаҳонбинӣ бараъло мушоҳида намудан мумкин аст. Дарки моҳияти глобализм ва дар муқобили таъсироти манфии он қобилияти истодагарӣ доштан, масъалаи муҳимест, ки ба маърифату дониш ва қобилияти андешаву тафаккури таҳлилӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Чун сухан аз донишу маърифат, тафаккур ва ҷаҳонбинӣ меравад, пас бидуни шакку шубҳа фалсафа ва мантиқ мадди назар гирифта мешавад. Ҷаҳонбинии фалсафӣ, тафаккури мантиқӣ ва қобилияти баланди андеша василаи муҳимтаринест, ки инсонро ба дарки моҳияти ҳастӣ, ҳаводису воқеоти олам ва ҳақиқати воқеӣ муваффақ мегардонад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқ ва баррасии афкори илмиву фалсафӣ ва мантиқии ниёгон, манзури роғибони илм ва фарҳанги ватанӣ намудани онҳо ҳамчун таҳқиқоти комили илмӣ агар аз як тараф, дар ғановати маънавии ҷомеа нақши назаррас бозад, аз тарафи дигар, дар тақвияти худшиносӣ ва гузашта аз ин, дар таҳкими пояҳои асосии фарҳанги миллӣ ва истиқлоли давлатӣ нақши назаррасе хоҳад дошт.

Таълимоти фалсафию мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки аз бузургтанин намояндагони мактаби фалсафаи машшоияи Шарқ маҳсуб меёбанд, хеле барвақт таваҷҷуҳи олимон ва пажуҳишгарони чӣ ватанӣ ва чӣ хориҷиро ҷалб намуда, дар ин замина, таҳқиқоти мухталифе рӯйи кор омадаанд, вале ҳануз ҳам қонеъкунанда нестанд. Алалхусус, таҳлили муқоисавии таълимоти мантиқии мутафаккирони зикршуда то кунун ба анҷом нарасидааст. Иқдоми мазкур аз ҷониби Сулаймонзода Баҳманёр рӯйи даст гирифта шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки таҳлили бонизом ва методологии таълимоти мантиқиву маърифатшиносии ин ду мутафаккир дар заминаи таҳлили муқоисавӣ сурат бигирад.

Таҳқиқоти мазкурро диссертант аз як тараф дар самти таърихи мантиқ ва фалсафа – рушду таҳаввули тафаккури мантиқӣ ва низоми маърифат дар андешаҳои ин мутафаккирон ва аз тарафи дигар дар такя ба таҳлили баҳсҳои илмию методологие, ки имрӯз дар атрофи мантиқ ва фалсафаи асримиёнагии Шарқ ҷараён доранд, пайгирӣ намуда, таҳқиқ ва баррасии таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи мафҳуму қазия, қиёсу бурҳон ва маърифатро аз муҳимтарин посухҳое

медонад, ки метавонад ба баҳси он, ки оё фалсафаи форсу тоҷик танҳо бозсозии фалсафаи юнонӣ аст, ё худ дорои низоми мустақили назариявӣ бо сохтор, бо мақсаду методологияи хоси худ баррасӣ намояд.

Аз тарафи дигар аҳаммият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки Сулаймонзода Б.С., таҳқиқоти хешро дар такя ба татбиқи равишҳои муосири фалсафӣ ва таҳлили матншиносӣ, ки ба талаботи илмии имрӯз мувофиқанд ва метавонанд ба такмили методологияи омӯзиши фалсафа ва мантиқ мусоидат намоянд, роҳандозӣ намудааст.

Бо такя ба таҳлили автореферати диссертатсияи Сулаймонов Б.С. метавон ба хуби эҳсос намуд, ки муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқро бо такя ба далелҳои мушаххас ва муайяни илмӣ асоснок намуда, аҳаммияти амалии таҳқиқро дар такмили барномаҳои таълимӣ дар риштаҳои «Мантиқ», «Маърифатшиносӣ», «Таърихи афкори фалсафӣ», «Фалсафа ва методологияи илм», «Таърих ва фалсафаи илм» ва ғайра арзёби намуда, хулосаҳои илмии таҳқиқотро дар таҳияи дастурҳои таълимиву методии фанҳои таълимии мантиқ ва фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муҳим мешуморад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ дар такя ба талаботи муқаррааргардида пайгирӣ шудааст. Сулаймонов Б.С. дар ин бахш корҳои илмии вобаста ба мавзуи мавриди назар анҷомёфтаро дар се самт пайгирӣ намуда, саҳми муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро дар таҳқиқи афкори илмиву фалсафӣ ва мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, муҳим арзёбӣ намуда, дар такя ба сарчашмаҳои илмӣ, бо истифода аз методологияи хоси илмӣ таҳқиқоти хешро анҷом додааст.

Объект, предмет, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо ҳамдигар алоқаманд буда, дар такя ба талаботҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Дар автореферати диссертатсия пайдарҳамии мантиқӣ ба назар расида, он аз қобилияти баланди фикррониии диссертант дарак медиҳад. Пайгирӣ ва риояи принсипи мантиқият дар раванди таҳқиқ ба диссертант имконият додааст, ки масъалагузориро дуруст ба роҳ монда дар ин замина натиҷаҳои назаррасӣ илмиро манзур намояд.

Навгониҳои илмии дар 9 банд аз ҷониби диссертант пешниҳодгардида бевосита аз муҳтавои кори илмӣ сарчашма гирифта, бо муҳимтарин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамбастагӣ амиқ доранд. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо нашрнамудаи Сулаймонов Б.С. ҳар яке дар алоҳидагӣ таҷасумгари мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқот буда, ба кори диссертатсионӣ алоқамандии бевосита доранд.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар автореферати диссертатсия хеле хуб

инъикос ёфта, диссертант хулоса таҳлилҳои худро вобаста ба масъалаҳои гузошташуда дар фаслҳои диссертатсия ба таври пай дар пай пайгирӣ намудааст. Ҳар яке аз бандҳои хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида, ба масъалагузориҳои диссертант мувофиқ буда, бо навгониҳои кор ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамбастагӣ доранд ва ба назари мо:

1. Агар диссертант таъсири таълимоти мантиқии мутафаккирони мавриди таҳлили худро ба рушди минбаъдаи мантиқ ва маърифатшиносӣ возеҳу муфассалтар баён менамуд, арзиши илмии автореферати диссертатсия боз ҳам баландтар мегашт;

2. Мубрамияти таҳқиқот ба таври муфассал таҳия гардида, таҳқиқталаб будани мавзуъ нишон дода шудааст, вале сархати охирони ин бахш бояд дар қисмати дигар (аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот) ҷойгир мегардид.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Баҳманёр Сайиҳсон дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

**Муқарриз: доктори илмҳои фалсафа,**
**мудири кафедраи таърихи фалсафа**
**ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ** **Амирхон Ш.Т.**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,
Тел: +992933132020; E-mail: amirkhonov81@mail.ru.

**Имзои Амирхон Ш.Т.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

26.02.2026

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
х. Рӯдакӣ,17, tgnu@mail.ru. Тел: +9922217711